**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 назди МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ"**
**аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №____________**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 01.07.2023с. № 19*

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ ШУКУРЗОДА ХУРШЕДИ АБДУМУМИН, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD) АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 6D010200 – ПЕДАГОГИКА ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ИБТИДОӢ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)**

Диссертатсияи **Шукурзода Хуршеди Абдумумин** дар мавзӯи «Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ», дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) бо қарори №12 аз 19-уми апрели соли 2023 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шукурзода Хуршеди Абдумумин соли 2019 зинаи доктор (PhD)-ро бо ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ дар шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ хатм намудааст.

Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар баробари корҳои таҳқиқӣ фаъолияти омӯзгориашро аз соли 2019 дар донишгоҳ оғоз карда, то ҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таълими синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ идома дода истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ – Бегимов Ҳусен Худоёрович,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Гулматов Файз** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

**Мирзозода Раҳмоналӣ Раҷаб** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Маркази ҷумҳуриявии таълими методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ.**

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 26-уми майи соли 2023 (суратмаҷлиси №10), ки онро ректори муассиса доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, ба бозёфти навгониҳои илмӣ диссертант ишора карда мегӯяд, ки унвонҷӯ Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар ҷараёни таҳқиқот аз маводи зиёду пурарзиши ҷамъовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш ба осори таҳқиқию таҳлилии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз

маъхазҳои гирдовардааш иқтибосҳо овардааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки диссертатсия аз ҷиҳати мазмуну мухтаво, масъалагузорӣ, таҳлил ва бардошти хулосаҳо мубрам буда, муаллифи он бо такя ба пажуҳишоти фароҳамовардааш дуруст хулосабарорӣ намудааст.

Дар ин замина, диссертант дар ҳалли масъалаҳои таҳқиқот ба навгониҳои назарраси илмӣ соҳиб шудааст. Пеш аз ҳама навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки имкониятҳои педагогӣ ва шароитҳои самараноки пайдо намудану ташаккул додани шавқу ҳаваси маърифатии хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ ва омода кардани онҳо ба омӯзиши фанни "Назария ва практикуми ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ" муайян карда шудааст.

- Ҳамзамон моҳият ва мазмуни омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун сифати ҳамгироии шахсият, ки муаллимони оянда майли ворид шудан ба муҳити фаъолияти таҳқиқотӣ доранд, инчунин таҷрибаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотиро дар ҳолатҳои стандартӣ ва ҳолатҳои проблемавӣ ошкор сохтааст;

- Дастовардҳо ва комёбиҳои ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоиро дар мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» илман асоснок кардааст;

- меъёрҳо, дараҷаҳои омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дастабандӣ гардида, ба гурӯҳҳои мароқнокӣ; маърифатӣ; фаъолиятнокӣ; инъикоскунанда тасниф шудаанд.

- Роҳу воситаҳои истифодаи таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар беҳдошти омодагии касбӣ-методӣ, навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм коркард гардидааст".

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, бо муҳиммияти ҷамъбасти илмӣ, ки дар диссертатсия инъикос гардидаст ва хулосаҳои асосӣ дар қисмати истифодаи технологияи педагогии коркардашуда барои ошкоркунии имкониятҳо, асосноккунии назариявӣ ва амалан санҷидани шароитҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мавриди таълими «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» ва омода намудани онҳо ба омӯзиши мусалсали ин фан дар синфҳои ибтидоӣ имконияти зиёд дорад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ бо иштироки бевоситаи ӯ анҷом дода шудаанд. Дар корҳои анҷомдодашуда саҳми муаллифи диссертатсия назаррас мебошад.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи "Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd аз рӯи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd аз рӯи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) мебошад.

***Аз таълифоти арзишманди муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар худ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд:***

**[М-1]. Шукурзода Х.А.,** Раҷабов Т.Б., Бегимов Ҳ.Х. Истифодаи методҳои таҳлил ва синтез дар ҳалли масъалаҳои матнии синфҳои ибтидоӣ. //ISSN 2074-1847. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе: 2017. №3/7. Қисми 2. - С. 203-207.

**[М-2]. Шукурзода Х.А.,** Бегимов Ҳ.Х.,Раҷабов Т.Б., Давлатов Т. Ташаккули маҳорати моделонии математикӣ дар муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳангоми таълими назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ. //ISSN 2074-1847. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе: 2018. №1. - С. 272-278.

**[М-3]. Шукурзода Х.А.,** Раҷабов Т.Б., Бегимов Ҳ.Х. Формирование исследовательских умений у будущего учителя начальных классов при решении текстовых задач. //ISSN 2219-5408. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. № 2(74).– Душанбе: 2018. - С. 34-37

**[М-4]. Шукурзода Х.А.** Ба муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ оиди амалисозии тамоили алгоритмии таълими математика. // ISSN 2708-5759. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. (Серияи 2. Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим) №3 (13). – Душанбе: 2022. - С. 302-307.

**[М-5]. Шукурзода Х.А.** Ба муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ оид ба истифодаи методи аналогия мавриди таълими математика. // ISSN 2708-5759. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. (Серияи 2. Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим) №3 (17). – Душанбе: 2023. - С. 202-210.

**[М-6]. Шукурзода Х.А.** Мавқеи масъалаҳои матнӣ дар омодагии математикии талабагони синфҳои ибтидоӣ. /Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳури явӣ дар мавзуи «Таҳсилоти мактабӣ: воқеъият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии Стандартҳои насли нав» бахшида ба 55-солагии таъсисёбии кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ. – Душанбе: 2016. - С. 10-15 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-7]. Шукурзода Х.А.** Ташаккул ва қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарси математика мавриди ҳалли масъалаҳои матнӣ. /Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Раванди муосири таълиму тарбия дар таҳсилоти томактабӣ ва фарогир: назария ва амалия». – Душанбе: 2017. - С. 229-235 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-8]. Шукурзода Х.А.** Ташаккулёбии маҳорату малакаҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар мавриди ҳалли масъалаҳои матнӣ. /Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Проблемаҳои муосири рушди илмҳои табиӣ-риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба Соли ҷавонон, 20-солагии Ваҳдати миллӣ ва 70-солагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Қодиров Б.А. – Душанбе: 2017. - С. 274-276 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-9]. Шукурзода Х.А.** Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои матнӣ. /Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас». – Хуҷанд: 2019. - С. 49-52 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-10]. Шукурзода Х.А.** Моҳияти омӯзиши ҷараёни ҳалли масъалаҳои матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ. /Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои тамоили салоҳиятнокӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусии синфҳои ибтидоӣ». – Душанбе: 2019. - С. 32-37 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-11]. Шукурзода Х.А.** Ташаккули салоҳиятҳои аналитикӣ-синтетикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди масъалаҳои таркибӣ. / Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов . – Бохтар: 2020. – С. 316-318. (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-12]. Шукурзода Х.А.** Амалисозии тамоили салоҳиятнокӣ мавриди таълими математика ба муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ. /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ҳайати профессорон ва омӯзгорон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти унвони "Оила ва фарҳанги оиладорӣ дар ҷомеаи муосир"20 –уми ноябри соли 2020. " – Душанбе: 2020. – С. 128-131.

***Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:***

1. **Шамсиддинов Ф.** - доктори илмҳои математика ва физика, дотсенти кафедраи таҳлили математикӣ ва муодилаҳои дифференсиалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

2. **Иззатуллоев К.** - номзади илмҳои педагогӣ дотсенти кафедраи фанҳои риёзӣ-табиӣ ва методикаи он факултети омӯзгорӣ ва фарҳангии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

3. **Гулзода А.К.** - номзади илмҳои педагогӣ Директори МД "Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия". Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

4. **Мавлонназаров С.С.** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

5. **Намоззода Ҷ.А.** - номзади илмҳои педагогӣ, ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсия Шукурзода Хуршедро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) арзанда донистаанд.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 аз 19-уми апрели соли 2023, №12, тибқи талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:***

- моҳият, сохтори фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ муайян карда шуданд;
- имкониятҳои мавҷудаи ҷалби донишҷӯёни факултети педагогика ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» муайян гардид;
- коркарди методӣ барои ҷалби донишҷӯёни факултети таҳсилоти ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» ба таври зарурӣ пешниҳод ва озмоиш гардид;
- истифодаи таҷрибаи ҳосилшуда оид ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар ҳалли масъалаҳои матнии душвор дар раванди таҷриба амалӣ гардид;
- самаранокии коркарди методӣ тавассути озмоиш санҷида шуд.

***Асосҳои методологии таҳқиқотро*** тамоили системавии таълим (В. Белошистая, Э.Г. Юдин ва дигарон), тамоили рушди психологӣ (В.П. Беспалко, И.Ф. Исаев, В.А. Сластенин ва дигарон), тамоили фаъолиятнокӣ оид ба ташкили фаъолияти таҳқиқотӣ (В.И. Андреев, В.В. Маткин, А.В. Петровский ва дигарон), тамоилҳо оид ба омодагии касбӣ-методии (А.А. Вербитский), назарияи ташаккули шахсияти омӯзгор ва омодагии он ба фаъолияти педагогӣ (В.И. Андреев, Н.В. Кухарев, А.И. Щербаков ва дигарон), нишондодҳо оид ба назария ва методикаи таҳқиқотҳои педагогӣ (Ю.К. Бабанский, М.Н. Скаткин ва дигарон) ташкил медиҳад. Ҳамзамон, барои ҳалли ҳадафҳои гузошташуда методҳои муосири таҳқиқот, ба монанди методҳои назариявии таҳқиқоти масъалаҳои методӣ: таҳлил, таркиб, ҷамъбасткунӣ, монандкунӣ ва моделсозӣ ва методу шаклҳои кори озмоишӣ: марҳилаи барқароркунӣ, муайянкунӣ, ташаккулдиҳанда, мушоҳида, назарпурсӣ, тестӣ, корҳои озмоишӣ, санҷиши амалӣ, амалисозии ҳалли

методии масъалаҳо истифода шудаанд.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** дар он зоҳир мегардад, ки мафҳуми «омодагии муаллимон ба фаъолияти таҳқиқотӣ» ҳамчун системаи ҳамгирои омӯзиши предметҳо, инчунин «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ пешкаш гардид. Дараҷа ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагии муаллимони оянда дар мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» муайян шуд. Натиҷаҳои таҳкикот метавонад ҳамчун асоси назариявии коркарди ояндаи ин проблема истифода шавад.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот*** дар он аст, ки натиҷаи он боиси муайянкунии барномаи корӣ ва васоити таълимии «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» гардид. Инчунин хулосаҳо, андешаҳо, ки боиси беҳбудии раванди таълиму тарбия дар донишгоҳҳо мегардад, муҳити мусоидро фароҳам меорад. Маводи рисола метавонад дар инкишофи системаи такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ, барои омӯзиши минбаъдаи коркарди методии ташаккули донишҳои одитарини табиӣ дар раванди таълими «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ», хондани лексияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, курсҳои махсус ва ғайра истифода шавад.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зерин муайян карда шудаанд:***

- моҳият ва мазмуни омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун сифати ҳамгирои шахсият, ки муаллимони ояндаро майли ворид шудан ба муҳити фаъолияти таҳқиқотӣ доранд, инчунин таҷрибаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотиро дар ҳолатҳои стандартӣ ва ҳолатҳои проблемавӣ ба роҳ мемонанд, ошкор гардид;
- муқарар ва илман имкониятҳои бомувафақияти ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» асоснок карда шуд;
- меъёрҳо, дараҷаҳои омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ: мароқнокӣ (муносибати мусбӣ ба касбӣ ояндаи худ, дарки моҳияти фаъолияти таҳқиқотӣ дар мувофиқатнокии худфаъолиятӣ); когнитивӣ (фаҳмиши методологӣ ва проблемаҳои таҳқиқотии педагогӣ, донишҳои мушаххаси фаннӣ ва ғайраҳо); фаъолиятнокӣ (маҳоратҳои гностикӣ, маҳоратҳои лоиҳабандӣ, маҳоратҳои конструктивӣ, маҳоратҳои ташкилӣ, маҳоратҳои коммуникативӣ); рефлективӣ (қобилияти иҷрои таҳлил ва баҳодиҳии нуктаҳои назари гуногун оид ба проблемаҳои мушаххас, худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳии фаъолияти таҳқиқотӣ).
- роҳу воситаҳои истифодаи таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар раванди навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм коркард шуд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** ба он асос меёбад, ки мутобиқ ба ҳадафу вазифаҳои мавзуи таҳқиқ истифода бурдани консепсияҳои назариявӣ ва муносибати методологӣ, ки дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос ёфтаанд, бо амиқӣ ва мукаммалии ҳаҷми маводи илмии мавриди таҳлилу арзёбӣ, ки ба пояи комёбиҳои илми муосир устуворанд, муайян карда мешавад; ҳамзамон бо асоснокии муътамади назариявӣ-методологии ғояи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, саҳеҳияти ҳадафу вазифаҳо ва мутобиқ ба онҳо интихоб гардидани маҷмуи методҳои илмӣ; давомнокии боварибахши таҳқиқот, имкони гузаронидани озмоиши назоратии натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили шуморавию сифатии арзиши илмию омории маълумоти мавриди таҳқиқ, дар раванди фаъолияти амалӣ ва таълимӣ ҷорӣ гардидани маслиҳату тавсияҳои пешниҳодшуда, мушоҳидаҳои педагогӣ ва таҷрибаи амалии касбии муаллиф таъмин мегардад.

***Саҳми шахсии муаллиф*** дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот:

банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ба даст омада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад.

Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 8 нафар, аз онҳо 7 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ 8 нафар,
муқобили додани дараҷаи илмӣ нест нафар,
бюллетенҳои беэътибор нест нафар,

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 1-уми июли соли 2023 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзӯи «Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Шукурзода Хуршеди Абдумумин дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Ҳамробоев Н.А.**

**01.07.2023с.**